# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Абдусаломзод Некруз Абдусалом дар мавзуи «Роҳзанӣ: масоили танзими ҳуқуқи – ҷиноятӣ ва бандубасти он», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8– Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст.**

**Мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Рушди устувори сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии ҷомеа аз самаранокии сиёсати ҳуқуқии ҷумҳурӣ вобастагӣ дорад. Ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ... бе таъмини волоияти қонун ва тартиботи ҳуқуқӣ ғайриимкон аст”.

Дар айни замон, мутобиқи м. 5 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: “Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошанд. Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд”.

Ғайр аз ин, Конститутсия муқаррар месозад, ки “ҳар кас ҳуқуқ дорад соҳиби моликият бошад. Ҳеҷ кас ҳуқуқ надорад ҳуқуқи шахсро ба моликият бекор ва маҳдуд кунад” (м.32).

Дар баробари ин, “ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат дода шудааст (қ. 2 м. 12 Конститутсияи ҶТ). Дар амалӣ намудани ин вазифа нақши асосиро мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мебозанд. Аз ин рӯ, такмили фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳамчун қадамҳои воқеӣ барои кафолати ҳуқуқу озодиҳои инсон татбиқи чораҳои гуногунҷабҳаро талаб мекунад. Яке аз чораҳои афзалиятнок такмил додани ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии инсон аз ҷиноятҳои махсусан хавфнок ба ҳисоб меравад, ки пеш аз ҳама ба он ҷиноятe чун роҳзанӣ шомил аст.

Барои ин ҷиноят истифодаи зӯроварие, ки барои ҳаёт ё саломатии инсон хавфнок аст ё таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ хос мебошад, ки онро ба яке аз шаклҳои аз ҳама хавфноки таҷовузҳои ҷиноятӣ ба моликият

табдил медиҳад. Маҳз аз ҳамин сабаб таҳқиқи моҳияти роҳзанӣ ва ҷустуҷӯи роҳҳои такмил додани қонунгузории амалкунанда оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир намудани он муҳим ва зарур мебошад.

Бояд зикр намуд, ки солҳои охир вазъи ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоно нигаронкунанда боқӣ мондааст. Сарфи назар аз он, ки мақомоти дахлдор чораҳои гуногун, аз ҷумла тасдиқи Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи лоиҳаи нави Кодекси ҷиноятӣ бо тағйиру иловаҳои ҷиддӣ барои пешгирии ҷинояткорӣ амалӣ менамоянд, сатҳи ҷинояткорӣ дар кишвар ҳамоно афзоиш ёфта истодааст. Мувофиқи маълумоти оморӣ, агар соли 2023 дар кишвар 21319 ҷиноят ба қайд гирифта шуда бошад, пас соли 2024 ин нишондод қариб ҳазор адад афзуда, ба 24 ҳазору 118 ҷиноят расидааст.

Аз рӯйи навъи ҷиноятҳо бештар ҷиноятҳо ба муқобили моликият, аз ҷумла дуздӣ ва қаллобӣ ба қайд гирифта шудаанд, ки дар садри рӯйхати ҷиноятҳо қарор доранд. Шумораи роҳзаниҳои бақайдгирифташуда низ ба таври назаррас афзудааст. Масалан, агар соли 2019 ҳамагӣ 29 ҳолати роҳзанӣ сабт шуда бошад, пас соли 2020-33, 2021-38, 2022-38, 2023-19,2024-33, шаш моҳи аввали соли 2025- 57 ҳолати содиршавии роҳзанӣ ба қайд гирифта шудааст.

Бинобар ин, мавзуи диссертатсияи Абдусаломзод Некруз Абдусалом воқеан муҳим буда, таҳқиқоти саривақтӣ, мубрам ба ҳисоб меравад.

Абдусаломзод Некруз Абдусалом соли 2016 ба факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ба ихтисоси ҳуқуқшиносии умумӣ дохил шуда, онро соли 2020 хатм намудааст.

Аз соли 2020 ба ҳайси асисстети кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносиии ДМТ ва ҳамзамон сармутахасиси шуъбаи магистратураи ДМТ, ва аз соли 2024 ба вазифаи мудири шуъбаи магистратураи ДМТ кору фаъолият намуда истодааст.

Кори диссертатсионии Абдусаломзод Некруз Абдусалом аз муқаддима, 3 боб 9 зербоб, хулоса ва руйхати адабиётҳои истифодашуда иборат мебошад

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он он, асосҳои назарӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назарӣ ва амалӣ муайян карда шудааст.

Боби аввали таҳқиқот "Тавсифи ҳуқуқӣ– ҷиноятии роҳзанӣ ва таҳлили муқоисавӣ– ҳуқуқии он" ду зербоби асосиро дар бар мегирад. Дар ин замина, раванди инкишоф ва такомули қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷавобгарӣ барои роҳзанӣ дар давраи солҳои 1917–2025 баррасӣ мегардад. Ҳамчунин, муқаррароти қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, хусусиятҳои умумӣ ва фарқияти онҳо бо низоми ҳуқуқии миллӣ муайян карда мешаванд.

Боби дуюми таҳқиқот "Тавсифи ҳуқуқи ҷиноятии таркиби ҷинояти роҳзанӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз чор зербоб иборат буда, дар худ таҳлили ҳамаҷонибаи унсурҳои асосии таркиби роҳзаниро дар бар мегирад.

Дар боби 3 "Бандубасти роҳзанӣ дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ, амалияи тафтишотӣ ва судӣ" масоили баҳо додан ба ҷинояти мазкур дар ҳолати ҷой доштани аломатҳои ванинкунанда ва махсусан вазнинкунанда, инчунин аломатҳои фарққунандаи роҳзанӣ аз таркиби дигар ҷиноятҳои монанд таҳлил ва хулосабарорӣ шудааст.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ ҷамъбаст гардидаанд. Феҳристи адабиёт мутобиқ ба мавзуи матраҳшуда буда, истинодҳо барои тақвияти пешниҳоди илмӣ мувофиқ ба матлаб истифода шудаанд.

Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда

шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсияи Абдусаломзод Некруз Абдусалом дар мавзуи «Роҳзанӣ: масоили танзими ҳуқуқи – ҷиноятӣ ва бандубасти он», ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои
ҳуқуқшиноси, профессори кафедраи
ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо
коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шарипов Т.Ш.

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, н. Сино кучаи Испечак 2
**Тел:** (+992) 918-40-86-00
**E-mail:** takdirshoh@mail.ru

Имзои Шарипов Т.Ш.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДМТ Шодихонзода Э.Ш.
«05» 11 2025 с.

Суроға: Хиёбони Рудаки, 17, ш. Душанбе, 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Телефон: (+992 -37) 221-62-25; (+992 -37) 227 -15-10 Факс: (+992-37) 227-15-10
Email: info@tnu.tj